## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Қаландарзода Сарабек Давлатёр дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар, Аморoти Муттаҳидаи Араб)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологи аз руйи ихтисоси 6.2.23. Рузноманигории байналмилалӣ**

Диссертатсияи доктории Қаландарзода Сарабек Давлатёр ба таҳқиқи яке аз мавзуъҳои муҳим – омузиши нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс бахшида шудааст.

Аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки ВАО, хосса агентиҳои иттилоотӣ дар раванди оммавигардонии муносибатҳои гуногунҷанбаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс нақши муҳим дорад ва инро таҷрибаи ҳамкориҳои ин кишварҳо собит месозад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки дар диссертатсия бори аввал нақши ВАО дар инъикоси муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс таҳқиқ шудааст. Дар робита ба ин дар диссертатсия омилҳои таҳкимсози муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс баррасӣ гардида, нақши васоити ахбори оммаи ин кишварҳо дар инъикоси раванди ташаккул ва рушди ҳамкориҳои дуҷониба, бо назардошти мавқеъ ва муносибати расонаҳо, хусусиятҳои мавзуиву мундариҷавӣ ва шакливу жанрии маводиб муайян карда шудааст. Аз ин рӯ, мавзуи мавриди таҳқиқиро аз назари интихоб метавон муҳимму арзишманд донист, зеро доир ба нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики араби Халиҷи Форс баъзе пажуҳишҳои ҷузъӣ ба анҷом расида бошад ҳам, аммо то ҳол паҳлуҳои гуногуни ҳамкориҳои ин кишварҳо мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор нагирифтааст.

Аз муҳтавои диссертатсия маълум мегардад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сиёсати хориҷии худ бо мамолики араб, чи дар асоси муносибатҳои дуҷониба ва чи дар заминаи ҳамкориҳои бисёрҷониба, самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳоро муайян намудааст. Дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон муносибатҳо бо аксарияти кишварҳои араб, бахусус, кишварҳои араби Халиҷи Форс рушд ва таҳким ёфтааст.

Диссертатсияи Қаландарзода Сарабек Давлатёр аз муқаддима, чор боб ва хулосаю руйхати адабиёт иборат аст.

Ҳамчунин, дар диссертатсия мавқеи кишварҳои араб дар фазои геополитикии ҷаҳони муосир баррасӣ шуда, ҷанбаҳои таърихӣ ва вазъи кунунии муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс муайян гардидааст. Муаллиф вежагиҳои агентиҳои иттилоотии кишварҳои араб (ШАС, АМА, Қатар)-ро муайян намуда, таносуби инъикоси равобити дипломатӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро дар заминаи ҳамин агентиҳо баррасӣ кардааст. Ҳамчунин имиҷи Тоҷикистон ва кишварҳои араби мавриди таҳқиқ дар агентиҳои иттилоотии мутақобила нишон дода шудааст.

Дар диссертатсия инъикоси ҳаводиси Тоҷикистон дар расонаҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс ва бозтоби руйдодҳои ин кишварҳо дар ВАО-и Тоҷикистон ба таври муқоиса пажуҳиш шудааст.

Омузиш ва таҳқиқи маводди расонаҳои кишварҳо собит менамояд, ки тайи солҳои охир муносибат ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистон бо кишварҳои араб (ШАС, АМА ва Қатар) дар сатҳи хуб қарор дошта, дар ҳоли рушд аст. Робитаҳои сиёсии Тоҷикистон бо кишварҳои фавқуззикр, махсусан, пас аз ифтитоҳи сафоратҳо ва сафарҳои чандинкаратаи Президенти Тоҷикистон ба ин давлатҳо, вусъат ва таҳким ёфта, муносибатҳои дуҷониба ба марҳилаи сифатан нав ворид шудааст.

Диссертант ҳангоми пажуҳиш аз методҳои таърихӣ, тавсифӣ, муқоисавӣ, оморӣ ва таҳлили контенти истифода кардааст. Ҷолиб он аст, ки дар диссертатсия маводди дар агентиҳои иттилоотӣ доир ба мавзуъ чопшуда сол ба сол бо овардани омори дақиқ ба таври муфассал муқоиса шудааст.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия, инчунин, дар таълифоти марбут ба мавзуи мавриди назар анҷом додааш, ки дар қолаби монография ва мақолаҳои илмӣ ба табъ расидаанд, айён аст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқи Қаландарзода С.Д. маҷмуан баён шуда, феҳристи адабиёт тибқи меъёр ва талаботи ҷорӣ мураттаб гардидааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Он дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимояи такрорӣ пешниҳодшуда аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дарак медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.23. Рузноманигории байналмилалӣ мувофиқ мебошад.

Мухтавои асосии диссертатсия дар 1 монография ва 28 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 21 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда инъикос ёфтааст. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷу фарогири мазмуну мухтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводди чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар матни диссертатсияи Қаландарзода Сарабек Давлатёр истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риояи банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин гардидааст.

Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши назарию амалии онро ба эътибор гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи доктории Қаландарзода Сарабек Давлатёр дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар, Аморати Муттаҳидаи Араб)» кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шуда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Бинобар ин, диссертатсияи мазкурро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ ба ҳимояи такрорӣ пешниҳод кардан ҷоиз аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Қаландарзода Сарабек Давлатёр дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар, Аморати Муттаҳидаи Араб)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимояи такрорӣ қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Муъминҷонов Зулфиддин** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии МДТ-и

«Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»;

– **Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода** – доктори илмҳои филологи, профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

– **Улмасова Замирахон Ҳабибуллоевна** – доктори илмҳои филологи, профессор, декани факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров”.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон»** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимояи такрорӣ, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Солеҳов Нуралӣ Назарович

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, дотсент,
узви шурои диссертатсионӣ — Ҳасанова Тахмина Ғаюровна

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи филологияи араби
факултети забонҳои Осиё ва
Аврупои ДМТ — Раҷабова Марҳабо Тухтасуновна

«4» июли соли 2026.